**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 52/2с

аз «15» 04 соли 2022

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса доир ба лоиҳаи Талабот нисбат ба услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод гардидааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

2. Дар боби 2 ва 3 лоиҳа муқаррароти ҷорикунандаи уҳдадориҳо барои ташкилотҳои суғуртавӣ вобаста ба ҳисобкунии меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ ва талабот оид ба услубҳои баҳодиҳӣ пешбинӣ шудааст.

3. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва бахши фаъолияти соҳибкорӣ маҳдудиятҳо мушоҳида нагардидаанд, вале таҳиякунанда дар таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа маҳдудиятҳоро номбар намудааст,

ҳол он ки онҳо ҳамчун уҳдадории субъектони болозикр баромад менамоянд.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадани масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

5. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур барои танзими масъалаҳои услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ меъёрҳои дахлдорро пешбинӣ менамояд ва ин барои ташкилотҳои суғуртавӣ ҷиҳати дуруст ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ мусоидат хоҳад кард.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

- банди 20 лоиҳа бо дарназардошти сархати 7 қисми 1 лоиҳа доир ба мафҳуми “актуарий” таҷдиди назар карда шавад;

- дар бандҳои 19 ва 22 калимаи “подпункта” ба калимаи “абзаца” иваз карда шавад;

- дар банди 25 баъд аз калимаи “Исполнение” калимаи “положений” ва аломати вергул (,) илова карда шавад, инчунин калимаи “установленным” ба калимаи “установленных” иваз карда шавад;

- дар банди 26 калимаи “требование” ба калимаи “требования” иваз карда шавад.

Директор Саидзода И.Ҳ.